АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №1, 2014

УДК: 8точик1+8точик 2 ВОСИЕВА Р.Қ[1].

# МАЗМУН ВА МУҲТАВОИ ЯК ДАСТНАВИСИ «ИСКАНДАРНОМА»

Дар китобхонаҳои шаҳри Душанбе нусхаҳои зиёди «Исканданома»-ҳои мансур маҳфуз мебошанд, ки аз нигоҳи ҳаҷм, нигоҳдорӣ шудан, камбудӣ ва норасоиҳо ва ғайра мухталиф буда, дар оянда муқобалаю муқоисаи онҳо ва дар ин замина пажӯҳиши зарурӣ аз аҳамият холӣ нест. Дар мақолаи мазкур мазмун ва мундариҷаи як дастнависи «Искандарнома»-и мансур, ки зери рақами 618 дар шуъбаи дастнависҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешавад, баррасӣ гардидааст.

**Калидвожаҳо:** Искандар, Искандарнома, дастнавис, ривоят, котиб, адабиётшинос, матншиносӣ, достон, мазмун, ислом, қисса, ғоя, шакл.

«Искандарнома» яке аз намунаҳои беҳтарини осори насри ривоятии адабиётамон маҳсуб меёбад, ки ҳаҷман ҳам калонтарин асари насри омиёна мебошад. Ин асар дар мавзӯи ҷаҳонкушоиҳои Искандари Мақдунӣ, ки дар асри IV то мелод ба вуқуъ пайваста буд, офарида шудааст.

Дар бораи Искандар ва ҷаҳонгирии ӯ дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии халқҳои гуногун нақлу ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Ба ғайр аз онҳо, инчунин, донишмандони илму адаби Шарқу Ғарб аз замони зиндагии Искандар сар карда, то ба рӯзгори мо якчанд асарҳои илмию бадеие таълиф намудаанд, ки дар онҳо сафару лашкаркашиҳои ӯ гуногунғоя ва мухталифмазмун тасвир ёфтаанд, зеро замони ба вуқуъ пайвастани ин ҳодисаи дури таърих, ҳар як адибу олим вобаста ба талаботу мафкураи замони худ ба ин қисса чизеро илова ё худ ихтисор намудаанд [1,342].

Ҳамин тавр, то замони мо бисёр асарҳои ба Искандару кишваркушоиҳои ӯ бахшидашуда бо вариантҳои мухталиф омада расидаанд. Вале, мутаассифона, матни «Искандарнома» мансуб ба насри ривоятӣ то ҳол дар Тоҷикистон интишор наёфтааст. Ҳол он ки нусхаҳои зиёди дастнавису чопии ин асар дар китобхонаҳои Тоҷикистон маҳфуз мебошанд.

Дар китобхонаҳои шаҳри Душанбе 10 – нусхаи «Искандарнома» -и мансур маҳфуз аст. Аз онҳо ҳашттояш дастнавис буда, як нусха соли 1903 дар Эрон чопи сангӣ шудааст [2]. Боз аз ин ҳашт нусха ҳафтояш ба забони форсии тоҷикӣ ва як нусха ба забони туркӣ китобат гардидааст.

Нусхаҳои хаттии таҳти рақамҳои 1107, 1491, 1897 (11), 614, 3202 ва нусхаи чопи сангии шумораи 648 дар Ганҷинаи дастнависҳои Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ ҶТ [3,269]. ), ду дастхати дигар зери рақамҳои 618, 306 дар шуъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи миллии Тоҷикистон [4,1198]. ) ва як дастхат таҳти рақами 722 дар Маркази фарҳангии ба номи Шарифҷон Ҳусейнзодаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешаванд [5,50].

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш менамоем, ки як нусхаи дастнависи «Искандарнома»-ро баррасӣ намуда, ба таҳлили нусхаҳои дигари он назари иҷмолӣ намоем.

Аз миёни 8 дастнависи дар боло зикргардида нусхаи рақами 618, ки варианти пурраи қиссаи Искандар тасвир ёфтааст, маҳз онро мавриди таҳлил қарор додаем. Аз

1 **Адрес для корреспонденции**: Восиева Рухшона Курбоновна – докторант Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзоде. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Мухаммадиева 17/6, тел (992 37) 2325000.

нусхаҳои дар Ганҷинаи дастнависҳо маҳфузбуда, нусхаи рақами 1107-ро варианти мукаммали «Искандарнома» ҳисобидан мумкин аст. Зеро дар он аз ибтидои ин қисса то ғалабаи Искандар дар Бобул (Ироқ-В.Р.), бемор шудани ӯ ва васиятхояш ба мусулмонон тасвир ёфтааст. Вале дар ҳамин ҷо китоб ба итмом мерасад ва чӣ тавр вафот кардану дафн гардидани Искандар сабт наёфтааст.

Агар дар дастнависи рақами 1491 воқеаҳои нимаи аввали ҳаёти Искандар тасвир ёфта бошад, дар китоби тахти рақами 614 ҳаводиси асар тахминан аз давраи нимаи дуюми шарҳи ҳоли Искандари Мақдунӣ, аз мубориза и ӯ бо шоҳ Барсом оғоз мегардад.

Нусхаи 1897(11), 306 ва 3202 ҳаҷман ноқисанд. Дастнависи 3202 ба забони туркист. Санаи истинсохи дастнависҳои номбаршуда ба ҷуз дастнависи 618, ба асри XIX рост меояд. Чунончи, нусхаи рақами 614 соли 1250 [1834-35 ва ё дар ҷои дигари китоб соли 1244 (1829), нусхаи рақами 1107 соли 1255ҳ(1839м.), нусхаи рақами 1491 миёнаи асри XIX ва боқимонда дар санаи номаълум, вале мансуб ба асри XIX рӯйнавис карда шудаанд. Аз ин дастнависҳо 6-тоаш дар Бухоро ва нусхаи рақами 306 дар Тошканд қаламӣ гардидаанд.

Акнун ба таҳлили нусхаи рақами 618, ки ягона варианти нисбатан пурраи қиссаи Искандар дар Тоҷикистон мебошад, мепардозем. Матни китоб 1198 саҳифаро фаро гирифта, ҳаҷму андозааш 25,4 см аст. Китобати ин дастнавис дуюми моҳи сафари соли 1934 рӯзи якшанбе дар Бухоро ба итмом расидааст ва худи котиб дар саҳифаи охир чунин менависад: «... Ба ин савоб дар таърихи 2 шаҳри сафар дар вилояти Бухорои шариф дар гузари Мир Дустум XIX ба Мутавафо аз дасти фақирул фаррул ҳақирои хоксор Мулло Саъдуллохоҷаи ибни Ёдгорхоҷаи Мутаваффо тамом шуд Искандарнома» [4,1198].

Санаи қаламӣ шудани китоб ба давраи Шӯравӣ рост меояд. Дар он солҳо Дар Осиёи Миёна на танҳо истифодаи китобҳои динӣ ва асарҳои мазмуни исломидошта барои омма манъ ва ҳатто нобуд мекарданд, балки як қисми зиёди кутуби бо алифбои арабӣ навишташударо аз дасти муллоҳо зӯран гирифта, нест намуданд ва соҳибонашонро ба бадарғаю ҳар гуна ҷазоҳо ҳукм карданд. Бинобар он, дар он солҳо навиштан ва нигоҳ доштани «Искандарнома» барин асарҳо асосан пинҳонӣ сурат мегирифт. Баъди нисбатан ором шудани ин гуна таъқибҳо, махсусан баъди ташкил шудани Академияи улуми Тоҷикистон ва дар суроғи китобҳои қадим гардидани он мумкин аст, ки ин нусха аз дасти ягон кас гирифта шуда бошад. Санаи қабули китоб дар китобхона 14 августи соли 1958 зикр гардидааст.

Истинсохкунанда оид ба муаллифи асосии «Искандарнома» ва аз рӯи кадом нусха рӯйнавис шудани он, иловаҳои худ чизе намегӯяд ва хати худро лоиқи китобат наҳисобида, ин кори муҳиму хайрро як ҷиҳати машғулӣ медонад: «Хати ин камина лоиқи китобат набуд, аз ҷиҳати машғулӣ навишта шуд, то хонанда қалами саҳф дар ҷароими он кашида ислоҳ намояд, то нависандаву далолаткунандаро ба дуъо ёдоварӣ намояд(Тамматулкитоб 1353)» [4 ,1198].

Аз рӯи матни китоб нависандаи онро муайян намудан имконнопазир аст, вале аз мутолиаи он бофазлу дониш будани нассох бармеояд. Дар ин маврид суханони адабиётшинос Абдуманнон Насриддиновро ёдрас намудан мумкин аст: «Котибони нусхаҳои хаттӣ, ки онҳоро бо номҳои нассох, мустансах, муншӣ, дабир, номанигор, хушнавис низ ёд мекунанд, дар таърихи фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҷойгоҳи арҷманде доштанд. Бештари котибон соҳиби фазоили неки ахлоқӣ ва бофазлу дониш буданд. Ин фазилатҳо шароити хосеро барои нусхабардорӣ ва таҳияи китобҳои хаттӣ омода месохт. » [6,84].

Чунон ки гуфта шуд, нависандаи китоб маълум нест, вале дар матни асар бештар аз ривояти Музаффари юнонӣ ёд карда мешавад ва бо ҷумлаи «Музаффари юнонӣ гӯяд, ки ё худ бо таркиби ба ривояти Музаффари юнонӣ» сухан идома меёбад. Ба ғайр аз ин ровӣ, инчунин котиб барои силсилабандии воқеаҳо ба таври зерин номи ровиёни дигар, шахсони барои мо маълуму машҳур ва нақлу ривоятҳои шунида ва ё хондааш, ё ҳамон китобе, ки рӯйнавис кардааст, сабт мекунад:

….. Ба ривояти «Таърихи Табарӣ…..» [4, 14].

Аммо ба ривояти Ҷоруллоҳи Аллома… [4, 21].

Аммо ба ривояти Шайх Низомӣ… [4, 47].

Аммо Мулло Фирдавсӣ гӯяд… [4, 189].

Соҳибони таърих чунин овардаанд, ки … [4, 572].

Алқисса, чунин ривоят карданд… [4, 597].

Ба ривояти «Кутубулахбор»… [4, 617].

Чунон ки Ҳазрати Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Хиардномаи Искандарӣ» овардаанд… [4,627].

Ба ривояти Шайх Аттор… [4,1027].

Ҳазрати Алӣ ривоят кунанд, ки … [4,1131] ва ғайраҳо.

Аз ин тарзи тасвир чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки асари мазкур аз тарафи як шахс эҷодкорона таълиф наёфтааст. Аз рӯи зикри ашхоси шинохта дар ин китоб то Абдурраҳмони Ҷомӣ ва маълумоти ахбории нусхаҳои дар Ганҷинаи дастнависҳо маҳфузбуда гирифтаамон ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шояд котибони он дастхатҳо ҳам дар асоси нусхаи мавҷуда ва ривоятҳо аз худ чизе илова карда бошанд ва ё дар ҷо ба ҷогузории воқеаҳо баъзан «эҷодкорӣ» низ намудаанд. Зеро Саъдуллохоҷа баъзан то ба дараҷае воқеаҳоро бо ҳам омехтаю такрор ба такрор меорад, ки хонанда ба зудӣ сарҳисоби суханро фаҳмида наметавонад ва ё тамоман норавшан мемонад. Дар баъзе маврид доир ба ягон ҳодиса 2-3 варианти ривоятро ночаспон зикр мекунад.

Баъд аз «бисмиллоҳ» ҷумлаи аввали китоб ба забони арабӣ буда, аз ҳамду санои Оллоҳ ва расули вай – Муҳаммад иборат аст. Пас аз он, бевосита тасвири воқеоти сужети асар оғоз мегардад. Яъне, аз ин ишораи боло бармеояд, ки нусхаи мазкур низ ба мисли нусхаҳои дигари мавҷудаи ин асар муқаддима надорад. Бинобар он наметавон ному нишони нависанда, соли таълифи китоб, сабаби иншои он ва дигар маълумотҳои ахбориро, ки одатан дар ин бахш иброз медоранд, ба дурустӣ муайян кард. Пас, муътақид бар он бояд буд, ки дастнависи номбурда ҳам дар асоси нусхаи қадимаи нопурра таълиф гардидааст, вале аз сабаби он ки оид ба Искандару лашкаркашиҳои ӯ ривоёти зиёде вуҷуд дошт, имкон дорад, ки яке аз котибони давраи нисбатан барвақти ин китоб қисмати охирро бо иловаҳои ағлаб ва вариантҳои гуногуни он илова карда бошад.

Алқисса, на танҳо пешгуфтори муаллиф ба назар намерасад, балки тасвири воқеаи нахустини китоб низ бе ҳеҷ оғозсухан бо байти аввали «Шикасти Дороб лашкари Шуайб» ном байти достони «Подшоҳии Искандар» аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ:

«Чунон буд аз тозиён сад ҳазор,
Набарда саворони найзагузор» [4, 1].

ифтитоҳ мегардад, ки ҷудо аз оғози достони мазкур ба маврид ва гусаста оварда шудааст. Хонандаи аз асли воқеа ноогоҳ ба дурустӣ фаҳмида наметавонад, ки ин рӯйдод аз чӣ ибтидо мегирад, яъне оғози асар ба мисли дигар намунаҳои осори насри ривоятии анъанавӣ сурат нагирифтааст ва аз нимаи сужет оғоз гардидааст.

Барои тақвияти фикрамон чунин ҷумлаи баъди байт сабтёфтаро овардан мумкин аст: «Яке марде буд, ки ӯро солори Шуайб мегуфтанд, ҳама назди ӯ рафтанд. Шуайб гуфт:- Чаро мухолифат кардед? Гуфтанд:- Бар мо ситам мекунанд, аз ин ҷиҳат омадем. Ту дар бораи мо фикре кун, ки сардору бузурги мо туӣ ва илло ба назди хункор меравем…» [4, 1].

Чӣ тавре ки мебинем, баёни ҳодиса аз нисф шуруъ шудааст ва «мухолифати он мардум бо хункору ситами ӯ бар эшон» барои мо номафҳум мемонад. Ҳамин тавр, маълум мегардад, ки ин нусха бе муқаддима буда, то тасвири таваллудёбии Искандар, ба истисноии баъзе лаҳзаҳо, аз рӯи достони «Подшоҳии Искандар»-и Абулқосим Фирдавсӣ мазмунбардорӣ гардидааст.

Силсилабандии воқеоти «Искандарнома» баъд аз ба дунё омадани Искандари Зулқарнайн то вафоту дафни ӯ зимни достони васила, киваслкунандаи он қаҳрамони

марказии асар - худи Искандар мебошад, сурат гирифтааст. Вале то оғози достони «Таваллуд шудани Искандари Зулқарнайн дар канори кӯҳи Булур дар биёбони Ғазанфария», ҷанги солори Миср – Шуайб бо Дороб ва мағлуб шудани ӯ, фиристодани Дороб шахсони худро барои ҷамъ кардани хироҷи чандсола ба атроф, хабар овардани ҷосусони подшоҳи Ҳалаб – Файлақус ба шоҳашон аз ин ваҷҳ ва аз сабаби имконияти адо карда натавонистани боҷи чандинсола, ба ҷанги Дороб баромадани ӯ ва дар ин разм мағлуб шуда ба Мақдуния фирор кардани Файлақус, Ҳалабро тасарруф намуда, аз қафои ӯ рафтани Дороб, узр пурсида, хироҷи ҳарсоларо фиристодани шоҳи Ҳалаб ва ба иловаи боҷ духтари ягонаи Файлақус Ҳуснороро талабидану ба никоҳи худ даровардани Дороб тасвир меёбад. Ва чӣ тавре ишора кардем, тартиби тасвири ин ҳаводис мазмунан аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ гирифта шудааст.

Минбаъд қиссаи Искандар оғоз мегардад ва тамоми воқеоту ҳикоёти асар зимни амалиёти ин симои асосӣ ба риштаи тасвир кашида мешавад.

Азбаски «Искандарнома»-и мавриди баррасӣ қарор додаи мо мазмуни динӣ дорад, бинобар зимни тасвири ҳаводиси асосии асар ҷо-ҷо қиссаву ривоёти мухталифи динӣ ва асотирӣ оид ба Худою пайғамбарон, фариштаҳо, обидон, Ҷамшеду Заҳҳоку Фаридун ва дигарон ҳар гуна гиёҳу дарахту ҷонварҳо ва монанди онон оварда шудаанд.

Бояд зикр кард, ки мавқеи истифодаи ин гуна қиссаҳо рангоранг аст. Вале аз мазмуни асосии сужети асар канда нест. Онҳо бештар аз забони Луқмони Ҳаким, ки ҳамсафари ҳамешагии Искандар дар тамоми лашкаркашиҳои ӯ буд, вобаста ба ягон рафтору кирдори малик ва ё дар посухи пурсиши ӯ оварда мешаванд. Масалан, вақте ки Искандар барои давои захми китфаш Луқмони Ҳакимро аз чоҳ мебарорад, сабаби ба чунин меҳнат(87 сол дар банд буд) гирифтор омадани худро ба Малик чунин шарҳ медиҳад: «Оре, дар умри худ як бор пайи сухани фарзандам кор кардам. Интиқоми ӯ буд, ки Ҳақ таъоло се қарн маро дар чоҳ нигоҳ дошт… Искандар гуфт:- Чӣ кардӣ? Луқмон гуфт:- фарзанди ман хурд буд. Ман дасти ӯро гирифта мерафтам. Дар зери дарахте расидем, дар болои ковокии дарахт ҳудҳуд. Фарзандам гуфт, ки ӯро ба ман бидеҳ. Манъ кардам, қабул накард. Гиря мекард. Бархостам, ки ӯро гирам, дар шикофи дарахт даромад. Дасти ман чор нашуд, ки бигирам…

Гуфт: -Як мушт гил бизан! – Ман боз ба хӯрди он омада, ӯро мегирам. Гил задам, рафтам. То се рӯз аз хотирам пӯшида шуд. Баъд аз се рӯз дар гузар будам, чашм афтод. Дидам, гил хушк шуда. Гилро кандам. Ҳудҳуд баромада ба шохи дарахт нишаст. Ба даргоҳи Ҳақ таъоло нола мекард. Ногоҳ нидое омад, ки – Эй бечора, нола макун, ки то қасоси туро аз Луқмон хоҳам кашидан, баъдаҳу се рӯзу се қарн ӯро дар чоҳ маҳфуз гардонам.

Ин қассоси он буд, ки фарзандони ҳудхуд мурданд, фарзанди ман низ мурд. Агар модараш мемурд, ман низ мемурдам….» [4,80-81].

Дар мавриди дигар, вақте ки лашкари Искандар аз сипоҳи анбуҳу оташбозони фарангӣ меҳаросанд, ӯ манманӣ карда мегӯяд, ки ғам махӯред. Ман танҳо ба эшон басам, тамоми фарангиёнро ба хок баробар мекунам, вале «Иншооллоҳ» намегӯяд ва «Луқмон ба Искандар гуфт: - Тавре кардӣ, ки калимаи «Иншооллоҳ» ба забон наронди ва дар ин кор манӣ кардӣ. Чун Сулаймон Довуд 300 сол дошт, рӯзе ба Ҳазрати Осаф ибни Бархиё гуфт, ки мехоҳам бо ҷамъи ҳарами худ рафта Маккаи муназзамро тавоф мекарда бошам ва аз Ҳақ Таъоло дархост кунам, ки аз ҳар як ҳарам як фарзанд шавад, ки дар роҳи Худо ҷиҳод кунад. Ин суханро гуфт, аммо «Иншооллоҳ» нагуфт. Ба зиёрати ҳарам рафта зиёрат кард. Ба сесад ҳарамии худ буд. Як ҳарами ӯ бор гирифт, ки ӯро Ҷод мегуфтанд. Як чашму як гӯшу як даст ва як по надошт. Чун ҳазрати Сулаймон ба ин ҳодиса хабардор шуд, ки Худои Таъоло бар вай чунин фарзанд додаст. Бисёр парешон шуд ва андӯҳгин гашт. Чанд рӯз бигзашт. Рӯзе ҳазрати Сулаймону Осаф ва модари он фарзанд ҳар се бо ҳам нишаста буданд. Сулаймон аз ҷиҳати фарзанд бедилии бисёр кард. Осаф гуфт: - Эй Сулаймон, биёед як коре кунем. Ҳар чи дар дил дорем, ки ғайри Худо касеро матмаъ нест, изҳор кунем

ва шифои ин кӯдак аз Ҳақ Таъоло талаб кунем. Шояд, ки Ҳақ дуои моёнро қабул кунад. Сулаймон гуфт:- Нек гуфтед.

Аввал Сулаймон рӯ ба тарафи қибла карда даст ба дуо бардошт: Бор Худоё, ту медонӣ, ки бо ин ҳама молу ҳашамат, ки ба ман додаӣ, бо вуҷуди ин, ҳеҷ касе надорам. Агар ду касс ояд, яке себе орад, дигаре наорад. Дилам нигарон аст, ки чаро ӯ дасттиҳӣ омад. Дилам ба тӯҳфа оварда аст. Ростиро гуфтам. Даст ба дуо бардошт. Агар ту медонӣ, ки ман бар ҳамин қавл содиқам, шифои худ аз ин кӯдак дареғ мадор,- гуфта даст ба рӯ кашид. Ҳақ Таъоло қабул карда, як гӯшу як чашм ба он кӯдак дод. Эшонро завқе шуд.

-Осаф, навбати шумост. Ҳазрати Осаф гуфтанд, ки Худоё, ту беҳтар медонӣ, ки чанд бо Сулаймон гуфтам ва зорӣ кардам, ки маро аз вазирӣ маъоф дор, ки наметавонам. Ба зоҳир мегуфтам, аммо дилам хароб буд. Ба дилам мегуфтам, ки мабодо аз вазирӣ гирад. Худоё агар рост гуфтам, ба ин кӯдак шифо бифрист. Чун ин сухан гуфт, Худои Таъоло як дасти дигар арзонӣ дошт. Навбати модараш. Ӯ гуфт: Ё раб, туро маълум аст, ин кори ман. Бо вуҷуди он ки Сулаймон бо ин ҳама давлат, ки шавҳари ман аст, агар шавҳари ман марди фақире мешуд, чи шуд. Агар рост гуфтаам, шифо деҳ! Ҳақ Таъоло як пои дигар дод. Солимулаъзо шуд.

Сулаймонро бо ӯ меҳнат буд, то Ҳақ амр кард, ки ҷони ӯро Азроил қабз кард. Сулаймон аз паи ғурбат шуд ва дар ғам буд. Малаке омад, гуфт:- Ё Сулаймон, дунё аз барои марг аст, ту ҳам аз барои маргӣ, - Чаро «Иншооллоҳ» нагуфтӣ? Чаро ки ин амал аз ту лоиқ набуд…» [4,..].

Ҳамин тавр, аз забони Луқмони Ҳаким чандин қиссаю ривоятҳо ҳамчун панд нақл карда мешавад. Инчунин, дар саҳифаҳои китоб ин гуна лаҳзаҳоро бисёр дучор омадан мумкин аст. Агар он гоҳ аз забони муаллиф баён гардад, гоҳ аз лафзи обиде ё зоҳиде, донишманде ва ҳакиме, ки Искандар дар аснои сафар бо онҳо ҳамсуҳбат мешавад, ки ба ин гуна қиссаҳоро дар хобаш нишон медиҳанд, ҳотифе овоз медиҳад ва ё малаке мегӯяд. Аз ҳама муҳим ва ҷолиби диққат он аст, ки дар вақти нисфи ҷаҳонро гирифтани Искандар ҳамроҳ шудани ду пайғамбари абадзинда Хизру Илёс бо ӯ тасвир ёфтааст, ки бешубҳа бисёр маълумотҳоро Малик аз забони онҳо мешунавад ва амал мекунад. Ҳол он ки ба сипоҳи Искандар ҳамроҳ шудани ин ду набӣ, онҳо дар хоби Искандар даромада роҳ нишон медоданд ва мадад мекарданд.

Ҳамчунин дар ин китоб дар бораи ҳазрати Сулаймон, Мусо, Исо, Ҳанзала, Ҳуд, Иброҳим, Довуд, Юсуф, қавми Самуд ва дигарон монанди инҳо қиссаҳо оварда мешаванд. Оиди Ҳазрати Муҳаммаду чориёронаш – Абубакру Умару Усмону Алӣ ва шоҳони Каён низ қиссаву ривоёти зиёди лаҳзавӣ тасвир ёфтааст, ки як-як оварда шарҳ додани онҳо дар доираи як мақола гунҷоиш надорад.

Хулоса, бояд тазаккур дод, ки илова шудани чунин ҳикоёту ривоят ва қиссаҳои лаҳзавӣ ба сужети асосии асар ҳусну таровате бахшида, боиси боз ҳам дилнишин ифода ёфтани мақсади муаллиф гардидааст. Чунин гумон меравад, ки ҳикоятҳои лаҳзавӣ дар ин асар ва умуман, дар адабиёти бадеӣ нақши муайяне доранд, ки дар кушодани гиреҳбандии асар ба хонанда ёрӣ мерасонанд.

Дар воқеъ, аз мазмуни нусхаи «Искандарнома»-и мавриди баҳс қарордодаи мо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки асарҳои дар давраи пеш аз ислом ва дар қарнҳои аввали исломӣ ба ин мавзӯи Искандар иншошуда ба асли воқеа ва ҳақиқати таърих то андозае наздик мебошанд. Яъне варианти аввали осори мансуб ба Искандар эҷодшуда –«шарҳи ҳоли ҳаққонии ғоратгари Македонӣ ва бидъаткору махлуқи ваҳшии дӯзах будани ӯ дуруст аст». Зеро баъди ғалабаи ислом, вобаста ба талаботи замон идеяи асарҳо тағйир ёфта, осори паҳлавию адабиёти халқҳои бефарҳанг ба забони арабӣ тарҷума шуда, ин забон забони асосии илм ва таълифот қарор гирифта буд. Бинобар ин, дар он давраи ноорому зулму тааддӣ ва тоҷутахтталабиҳои маликзодагони мулуки мухталиф барои устодони сухансоз идеяи чунин шоҳе лозим буд, ки боадолат ва оқилу забардаст бошад. Зеро ин адлу дод ва арзандагии подшоҳ барои идораи мулк ва мардуму ҷамъият баҳри ҳар як кишвару халқи вай чун обу ҳаво зарурат дорад ва маҳз Искандар, ки тамоми рӯи оламро

тасхир кардааст, ба сифати шоҳи ҷорикунандаи ҳамин матлаб пазируфта шуда идеализатсия карда шудааст. Далели ин гуфтаҳо шоҳкориҳои Фирдавсиву Низомӣ ва монанди ҳамин гуна шахсиятҳои ҷовидона мебошанд, ки дунёро ба дониш фатҳ намудаанд. Гузашта аз ин, доир ба ин мавзӯъ шоҳасарҳои ҷовидона офаридаанд ва ҳатто Низомӣ ин қиссаро «Шарафнома» унвон гузоштанаш худ шоҳиди сиддиқи ин мавзӯи ҷовидонист. Охир, мақсад аз навиштани асари бадеӣ маҳз ҳақиқатнигорона тасвир кардани ягон ҳодисаю воқеа нест, балки дар он тавассути ғояи инсондӯстию ватанпарварӣ, адлу дод, одобу ахлоқ ва дигар сифатҳои некро дар рафтору гуфтор ва кирдори инсон парвариш додани хислатҳои ҳамида ва бедорию худогоҳию камолоти шахсӣ тарғиб карда мешавад.

**Адабиёт:**


1. Бертелс Е.Э. Роман об Александре и его главные версии на Востоке/Навои и Джами.-М.: Наука,1965.- 499с.
2. Куллиёти ҳафтҷилдаи Искандарномаи кабир. – Теҳрон: 1318.- 662с.
3. Каталог восточных рукописей АН Тадж. ССР,- Душанбе, 1974, Том V-540 с.
4. Искандарнома. Дастхати рақами 618 Шуъбаи дастхатҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон -1198с.
5. Мақсудов Б. Феҳристи нусхаҳои хаттии Маркази фарҳангии ба номи профессор Ш.Ҳусейнзода. Душанбе: Сино, 2007- 100 саҳ.
6. Абдуманнони Насриддин. Матншиносии осори адабӣ. Душанбе: Пайванд, 2011-392с.


**ВОСИЕВА Р.К.**

## СОДЕРЖАНИЕ ОДНОЙ ИЗ РУКОПИСЕЙ «ИСКАНДАРНАМЕ»

В библиотеках города Душанбе хранятся много прозаических рукописей «Искандарнаме». В данной статье рассматривается содержание одной рукописи «Искандарнаме», которая хранится в отделе рукописей Национальной библиотеки Таджикистана.

**Ключевые слова**: Искандар, Искандарнаме, рукопись, сказание, литературовед, тектология, содержание, ислам, миф, вид.

**VOSIEVA R. Q.**

## THE CONTENT OF ONE OF “ISKANDARNOMA” MANUSCRIPT

This article deals with the content and meaning of just one of the narrative forms of “Iskandarnoma”. Since, there are many copies of “Iskandarnoma” manuscript in the libraries of Dushanbe city, which are not studied yet.

**Keywords:** Iskandar, Iskandarnoma, manuscript, fable, secretary, literary scholar, legend, meaning, Islam, story, idea, form